Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-
и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдулло Далер Абдулло дар мавзуи «Нақши ниҳоди Пешвои миллат дар ҳифзу таҳкими истиқлоли давлатӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми сиёсӣ - Нақши ниҳоди Пешвои миллат дар ҳифзу таҳкими истиқлоли давлатӣ бахшида шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи масъалаи мавриди назар аз ҷониби Абдулло Далер Абдулло дорои аҳаммияти илмию амалӣ аст. Таҳқиқи махсусиятҳои ин масъала ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам дар амалияи сиёсӣ муҳим аст. Мавзуи интихобгардида актуалӣ буда, омӯзишу таҳлили он барои тамоми қишрҳои ҷомеа ҷолиб ва муҳим аст.

Абдулло Далер Абдулло ҳамчун журналист ба арзишҳои миллию давлатӣ ва ба ҷонфидоию заҳмати шабонарӯзии муҳтарам, Эмомалӣ Раҳмон арҷгузор буда, аз моҳияту муҳимияти ибтикори амалинамудаи Роҳбари давлат огоҳ аст, мақсаду ҳадафи ниҳоии Президент – таъмини зиндагии шоистаи мардумро хеле хуб дарк кардааст, доир ба самимияту ҷасорат ва одамияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз шоҳидони ҳол зиёд шунидааст, беназир будани мақому манзалат ва маҳбубияти ин тоҷики ватандӯстро дар арсаи байналмилалӣ далели бебаҳс медонад ва дар тарғибу ташвиқи сиёсати пешгирифтаи ин Роҳбари хирадманд бунёдкор саҳмгузор аст.

Мубрамияти мавзӯъ аз ҷониби муҳаққиқ хеле возеҳ бозгӯӣ шудааст: "Ниҳоди Пешвои миллат танзимкунандаи рӯзгори имрӯз набуда, балки васлгари ҳуқуқии дастовардҳои неки дирӯз, имрӯз ва фардои кишвар аст".

Муаллифи рисола махсусиятҳои ниҳоди Пешвои миллатро мӯшикофона таҳлил намуда, хулосаҳои асосноку дар ташаккули афкори ҷомеа саҳмгузор баровардааст. Аз ҷумла, ҳадафи аслии таъсиси ин ниҳод муттаҳид намудани мардуми кишвар дар атрофи сиёсати созанда, собитқадамӣ дар роҳи рушд ва тавсеаи таҷрибаи мусбати ватандорист. Дар ин ҷода одитарин ва олитарин хислати инсонӣ - қадршиносии заҳмати фарзанди содиқу вафодори миллат меҳвар аст.

Воқеан ҳам, ниҳоди сарварии Пешвои миллат - мактаби бузурги давлатдорист, ки ҳар як шахси худшиносу худогоҳ ва дорои эҳсоси баланди ватандорӣ бояд онро омӯзад. Таҳаммулпазирӣ, фарҳанги баланди сиёсӣ, инсонгароӣ, адолатпешагӣ арзишҳое ҳастанд, ки пойдории ин ниҳодро таъмин намуда истодаанд.

Таърих гувоҳ аст, ки чунин шахсиятҳо хеле кам рӯи саҳнаи сиёсат меоянд ва дар соҳаҳои муҳими ҳаёти мардум – иқтисоду иҷтимоиёт, илму фарҳанг, рӯҳия ва ахлоқу маънавияти миллатҳову кишварҳо дигаргуниҳои куллӣ ба амал меоранд.

Муҳаққиқ дар мавриди он ки дунёи муосир марҳилаеро айни замон пушти сар менамояд, ки арзишҳои як замон босуботу маънидор акнун мақому мартабаи аввалаашонро босуръат аз даст дода, маҳз дар ҳамин лаҳзаҳо нақши шахсиятҳои таърихие, ки чунин равандҳоро таҳти таъсири малакаю қобилияти баланди мудирияти иҷтимоию сиёсии худ қарор дода тавонанд, ба маротиб боло меравад, комилан ҳақ аст.

Эътирофи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Пешвои миллат таҳлил намуда, Абдулло Далер Абдулло дуруст хулоса баровардааст, ки он аз эҳтироми мардуми мо ба ин шахсияти бузург бо назардошти хизматҳои арзишмандаш дар таъмини ҳифзи истиқлолияту якпорчагии ин сарзамин, эҷоди фазои сулҳу амният, муаррифии чеҳраи тамаддунофари тоҷикон дар сатҳи байналмилалӣ, рушди гуногунҷанбаи мамлакатамон ва ғайра сарчашма мегирад. Пешвои миллӣ шахсиятест, ки маҳз бо ифои

нақши воқеии сарнавиштсоз барои давлату миллати худ сазовори эътирофи умумимиллӣ гаштааст.

Ба андешаи муҳаққик, зуҳур ва ташаккули Пешвои миллӣ дастоварди қобили мулоҳизаи бунёдии давлат ва миллати мо мебошад. Зеро ташаккули лидери сиёсии миллӣ ва пешвои эътирофшудаи давлатӣ зарурати асосии марҳалаи эҳё ва барқарории давлатҳо ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсияи Абдулло Далер Абдулло аз тавсифи мухтасари муқаддима, сатҳи умумии таҳқиқот, бобҳо ва зербобҳои рисола, баррасии натиҷаҳо ва рӯйхати интишороти муаллиф таркиб ёфтааст. Муаллиф дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши онро хеле возеҳ ва бо истинод ба далелҳои муътамад асоснок намудааст.

Диссертатсия бо дараҷаи баланди методологӣ ва амалии таҳлили масъалаҳои ниҳоди Пешвои миллат ба самтҳои афзалиятноки илм алоқаманд мебошад. Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф барои муайян ва шарҳу тавзеҳи моҳият ниҳоди Пешвои миллат мусоидат менамояд.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмии муаллиф ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқ аст.

Дар баробари комёбӣ ва дастовардҳои зиёд, баъзе камбудиҳои ҷузъӣ дар автореферат ҷой доранд. Аз ҷумла:

- мавзуи таҳқиқот ба илми ҷомеашиносӣ низ то андозае алоқаманд аст. Беҳтар мебуд, агар муҳаққиқ зимни пажӯҳиш методҳои сотсиологиро низ мадди назар мегирифт.

- Хуб мешуд, агар муҳаққиқ зимни таҳлили мавзуъ ба бунёди мустаҳками маънавӣ доштани ин ниҳод бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Дар оянда мадди назар доштани ин ҷиҳати масъала барои тавсеаи таҳқиқ мусоидат хоҳад кард.

Таъкид менамоям, ки норасоиҳои зикршуда арзиши илмии рисолаи диссертатсионии Абдулло Далер Абдуллоро коста намегардонад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Абдулло Далер Абдулло дар мавзуи «Нақши ниҳоди Пешвои миллат дар ҳифзу таҳкими истиқлоли давлатӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Мукарриз:**
И в дотсенти кафедраи сиёсатшиносии
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
Доктори фалсафа (PhD), доктор
аз руйи ихтисоси- Сиёсатшиносӣ Амиров Т. Ш.

**Имзои Амиров Т.Ш. – ро тасдиқ менамоям:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

*Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121*
*Телефон: +992(37) 224-13-83 WWW: tgpu.tj, E-mail: info@tgpu.tj*